**Тақризи**

**роҳбари илмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович ба диссертатсияи Ҷӯраев Хайём Акрамович дар мавзӯи «Таҳлили сохторӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст**.

Диссертатсияи Ҷӯраев Хайём Акрамович дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ анҷом дода шудааст.

Ҷӯраев Хайём Акрамович соли 2015-ум Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, факултети забони англисиро бо ихтисоси «Забони англисӣ-омӯзгор» хатм намудааст. Мавзӯи диссертатсионии Ҷӯраев Хайём Акрамович «Таҳлили сохторӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 27-уми январи соли 2016 тасдиқ шудааст (суратҷаласаи №2/6.5).

Муҳтаво ва натиҷаҳои диссертатсияи Х. Ҷӯраев дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, байналмилалӣ [2015, 2016, 2017, 2018] ва дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар шакли маърӯзаҳои илмӣ гузориш шудаанд. Натичаҳои алоҳидаи рисола дар маҷаллаҳои илмӣ дар шакли 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ, ки ба руйхати маҷаллаҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионӣ (ВАК)-и Вазорати маориф ва илми Россия шомиланд, ба табъ расидаанд.

Муҳимияти рисола пеш аз ҳама дар набудани пажӯҳиши мушаххас, ки ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи муқоисавии истилоҳоти

адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудаанд, зоҳир мегардад.

Навигарии рисола дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсияи мазкур нахустин маротиба масъалаҳои назарӣ ва амалии хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқотро низ таъкид кардан зарур аст, зеро маводи он метавонанд ҳангоми таҳқиқоти муқоисавӣ ва типологии забонҳои дигар, ҳангоми таҳия ва навиштани грамматикаи амалии забонҳои муқоисашаванда ва дастурҳои таълимиву вожаномаҳо барои мактабҳои олӣ ҳангоми таҳияи курсҳои амалии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифода шаванд.

Аз назари амалӣ диссертатсияи мазкур барои дарёфти маълумоти мушаххас ҳангоми омӯзиши сохтор, маъно ва роҳҳои корбурди истилоҳоти адабиётшиносӣ дар раванди таълим мусоидат хоҳад кард.

Дар раванди кор, омӯзишу таҳқиқ ва таҳлили маводи ҷамъшуда, диссертант маҳорату малакаи хеле хуби ҷамъ овардану таҳлил намудан ва хулосабарории аз нуқтаи назарию амалӣ дақиқ ва судмандро нишон дод. Дар натиҷа, ба фикри мо, Х. Ҷӯраев тавонистааст хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи истилоҳоти адабиётшиносиро дар забонҳои таҳқиқшаванда хеле мушаххас аз адабиёти бадеиву вожаномаҳои ҳарду забон таъкиду баррасӣ намояд. Муҳаққиқ дар чандин мавридҳо далелу мисолҳоеро таъкид ва баррасӣ намудааст, ки дар адабиёти мавҷудаи илмӣ зикр нашудаанд.

Бояд таъкид намуд, ки диссертант ҳамчун мутахассис хеле хуб омода гардида, мавзӯи диссертатсияро ҳаматарафа омӯхта таҳқиқ кардааст, аз адабиёти илмии забоншиносии забонҳои таҳқиқшаванда пурра огоҳ аст ва мавзӯи таҳқиқро дар сатҳи баланди илмии забоншиносии муосир мавриди баррасӣ қарор додааст.

Диссертатсияи муҳаққиқ сазовори баҳои баланд мебошад ва аз назари техникӣ дар шакли зарурӣ таҳия гардидааст ва ба талаботе, ки нисбат ба навишти рисола пешниҳод карда мешавад, комилан ҷавобгӯй мебошад.

Ҷӯраев Хайём аз вазифаи дар пешаш гузошташуда комилан баромадааст ва диссертатсияеро пешниҳод намудааст, ки ба фикри мо, ҳамчун роҳбари илмӣ, сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология мебошад.

Мудири кафедраи забоншиносӣ
ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ, доктори илми филология,
профессор Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович

Имзои Ҷаматов Самиддин Салоҳиддиновичро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ Назаров Давлатхон Қурбонмуродович

28. 11. 2018 с.